## ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба диссертатсияи Комилҷонзода Фирдвс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

1. Ислоҳоти соҳаи маориф дар шароити муосир ҳам ба мақсадҳои рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ҳам воситаҳои татбиқи онҳо таъсир мегузорад. Хусусиятҳои инсонгароии соҳаи маориф дар чанд самт, аз ҷумла, дар раванди таълим ва таҳқиқоти илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ амалӣ гашта, ба хусусиятҳои фардиву равонӣ, қобилият ва имкониятҳои хонандагон такя мекунад.

Барои рушди ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури илмию мантиқӣ ва бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсей ва гимназияҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ зимни амалинамоии тамоюли салоҳиятнокӣ дар таълим ва амалисозии ҳамгироии ин фанҳо мусоидат менамояд.

Мутобиқсозии равандҳои таълимӣ бо низомҳои гуногуни педагогие, ки то замони муосир ташаккул ёфтаанд ва дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо ва гимназияҳо мавриди истифода қарор доранд, бознигарии ҷиддии мазмуну мундариҷаи таҳсилоти ибтидоиро талаб менамояд. Қобили зикр аст, ки маҳз дар синфҳои ибтидоӣ бояд пойдевори муносибати нав ба назарияи таълим гузошта шавад, то ки раванди таҳсилот барои хонандагони хурдсол натиҷаҳои дилхоҳ дода тавонанд, ба рушди қобилиятҳо мусоидат карда тавонад.

Мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ва соҳаи илми педагогика, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқат мекунад.

2. Муҳтавои диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – “Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот” (илмҳои педагогӣ) мувофиқат мекунад:

*банди 1* – “Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ” (равишҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва ҳудудҳои татбиқпазирии онҳо; усулҳои таҳқиқотҳои педагогӣ),

*банди 3* - «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои / шароитҳои / рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, таҳсилот),

*банди 4* - «Назария ва консепсияи таълим» (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни бавоярасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, ҳудудҳои истифодаи онҳо; вижагиҳои таълим дар сатҳҳои мухталифи таҳсилот),

*банди 6* – "Консепсияи таҳсилот" (сифати таҳсилот ва технологияҳои арзёбии он; равандҳои инноватсионӣ дар таҳсилот),

*банди 7* – "Педагогикаи амалӣ" (ҷамъбасткунии таҷрибаи педагогии пешқадам; ҳаракати инноватсионӣ дар таҳсилот; фаъолияти озмоишию таҷрибавии муассисаҳои таълимӣ - мутобиқат дорад.

3. Муҳтавои кори диссертатсионӣ дар 24 номгӯйи мақолаҳои илмии нашршудаи довталаб, ки 6 номгӯйи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, мукаммал инъикос ёфтаанд.

4. Нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия мутобиқ ба талаботи банди 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, № 295) иҷро шудааст.

5. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ тавассути таҳлили дастовардҳои навтарини илмҳои педагогию психологӣ, интихоби усулҳои иловагии таҳқиқот, ки ба мақсад ва вазифаҳои он мутобиқанд, намояндагони муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорони ба озмоишҳо ҷалбгардида, тасдиқи фарзияи таҳқиқот бо натиҷаҳо, ки то озмоиши педагогӣ ва баъди он мусоидат намудаанд, бо мавқеи методологии бунёдӣ, методикаи мукаммали тадқиқ, мутобиқии мақсадҳо, вазифаҳо ва мантиқ, ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ки нуктаҳои асосӣ ва хулосаҳои диссертатсияро тасдиқ мекунад, алоқамандии назария бо амалияи кор дар мактабҳои озмоишӣ, бо таҷрибаи педагогии муаллиф дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тадриси фанҳои ба раванди коркарди маълумот нигаронида; бо иштироки муаллиф дар чорабиниҳои гуногун оид ба такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ аз рӯйи самтҳои ба таҳқиқот алоқаманд таъмин карда шуданд. Эътиборнокии хулосаҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада инчунин бо озмоишҳои педагогӣ ва натиҷаҳои таълим, инчунин, бо беихтилофии мавқеъҳои назариявие, ки ташаккули онҳо ба таҳлили ғояҳои педагогии муҳаққиқони гуногун асос ёфтааст, мувофиқати методҳои таҳқиқот бо ҳадафҳои матраҳгардида, бисёрҷанбагӣ ва бардавомии таҳқиқоти роҳандозишуда аз тариқи назариявӣ ва амалӣ, тасвиби натиҷаҳои бадастомада дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимии пойгоҳи озмоишии таҳқиқот таъмин карда шудаанд.

6. Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдвс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба шурои диссертатсионӣ қабул карда шавад.

7. Ба сифати муқарризони расмӣ Сатторов Абдурасул Эшбекович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», Шехов Акбар Маҳмадиевич – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забонҳо бо курси иттилоотӣ компютерии Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» пешниҳод карда шаванд.

8. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

9. Барои нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Комилҷонзода Фирдвс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**<u>ҚАРОР КАРД:</u>**

1. Диссертатсияи Комилҷонзода Фирдвс Комилҷон дар мавзуи «Шароитҳои педагогии амалинамоии таълими ҳамгироии фанҳои синфҳои ибтидоӣ зимни ҳалли масъалаҳои математикии матнӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01. – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи эксперта муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Сатторов Абдурасул Эшбекович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»;

- Шехов Акбар Маҳмадиевич – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи забонҳо бо курси иттилоотӣ компютерии Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара» тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссератсия дар сомонаҳои Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол кардани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Иззатова М.И.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои педагогӣ Рӯзиева Л.Т.

номзади илмҳои педагогӣ Котибова Ш.П.

«21» августи соли 2025.

*“Имзои М. Иззатова, Л.Т. Рӯзиева ва Ш. Котибоваро тасдиқ мекунам”*

*Нозири кадр ва коргузории АТТ* *М. Саидова*